# ТАҚРИЗ

Роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

Холов Абдулҳамид Мирзомадович соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст. Номбурда дар замони унвонҷӯйи ҳангоми иҷрои кори илмӣ, аз ҷумла дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти илмӣ оид ба ҷанбаҳои назариявии мавзуи илмию таҳқиқотӣ қобилияти хуби анҷом додани кори илмӣ, масъулият ва мустақилият нишон дода, бо пешниҳоди рисолаи илмии ба итмомрасида муҳаққиқи воқеӣ будани худро собит карда тавонист. Ҳангоми иҷрои кори илмию таҳқиқотии худ Холов Абдулҳамид Мирзомадович 10 мақолаи илмӣ (аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳия ва аз чоп баровардааст.

**Сатҳи дониш, усулҳои таҳқиқот ва ҳуҷҷатҳои** оид ба таҳсилот пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Холов А.М. ба стандартҳои таҳсилоти олии касбии дар ҷумҳурӣ қабулшуда мувофиқат мекунанд. Натиҷаи асосии таҳқиқот ва нуктаҳои муҳими диссертатсияи Холов А.М. дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2019-2024 баррасӣ гардидаанд. Муқаррароти алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалии илмию амалӣ низ қироат, баррасӣ ва чоп гардиданд.

**Марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ**, махсусан интихоби мавзуъ, асосноккунии муҳиммияти он, муайянкунии мақсаду вазифаҳо ва баррасии мубрамии онҳо мустақиман аз ҷониби диссертант таҳия ва иҷро гардидааст. Ҳамчунин, маводи ҷамъоваришуда, таҳқиқ ва таҳлили дар сатҳи зарурӣ анҷомдодаи муаллиф имконият фароҳам овард, ки натиҷаҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ, ки дар шакли мақолаву маърӯзаҳо омода шуда буданд, дар ҷараёни таълим ҳангоми омодасозии донишҷӯёни тахассусҳои иқтисодӣ ва омӯзиши фанҳои «Фаъолияти сармоягузорӣ дар КАС», «Молия ва қарз» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии** Холов А.М. ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

**Аз таҳлили рисолаи илмӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқоти илмӣ** таҳқиқ, таҳлил, арзёбӣ, тақвият ва тавсеаи асосҳои назариявию методӣ, ташаккулу рушди таъмини сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ва коркарди тавсияҳою пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда оид ба таъмини сармоягузориҳои реалӣ дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта мебошад.

**Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқотро** истифодаи дақиқ ва ҳадафноки маводи аввалия аз сарчашмаҳои омори расмӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттилооти истифодашудаю бо иқтибосҳо тасдиқшуда собит сохта, ҳамзамон ба унвонҷӯ имконият додааст, ки арзёбии маҷмуи ва амиқи ҷараёни таъмини сармоягузории саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳуриро дар маводи истеҳсолоти агросаноатии минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта доир намояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар 187 саҳифаи компютерӣ чоп шуда, дорои 33 ҷадвал, 5 расм ва 2 диаграмма мебошад.

**Натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои методии** дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада имконият медиҳанд, ки донишҳои илмии назариявӣ оид ба таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ тақвият, тавсеа ва баҳодиҳодиҳию натиҷагирӣ карда шаванд. **Аҳамияти амалии кори мавриди назар** аз он иборат аст, ки корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ метавонанд ҳангоми асоснoккунии самтҳо ва чораҳо оид ба рушди саноатикунии комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ метавонанд хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалии аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия бадастовардаи муаллифи рисоларо истифода намоянд.

**Хулоса ва тавсияҳо** аз нигоҳи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ ба талаботи мавҷуда омода шудаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия аҳамияти кифояи илмӣ ва назаривию амалиро дорост ва кори илмӣ-таҳқиқотии ба итмомрасида дар сатҳи ҷавобгӯйи талабот тахияшуда ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини

сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
н.и.и., дотсенти Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Тағоев Ҷ.Ҳ.

Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич
Тел: (+992) 918-90-68-73
E-mail: tagoev_d@mail.ru

**Имзои Тағоев Ҷ.Ҳ.– ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
"10" 01 2024 Тавқиев Э.Ш.